**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-002- назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодиров Некруз Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниход шудааст**

Дар замони муосир инкишофи босуръати муносибатҳои иқтисодӣ ҳамкориҳои нав ба навроо ма миён мегузорад, ки барои танзими онҳо дар қаламрави давлатҳо ва дар сатҳи байналмилали санидҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд. Дар баробари санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин одатҳо низ эътироф карда мешаван, ки қоидаи рафтори иштирокчиёни муносибатҳои иқтисоди, соҳибкори ва тиҷоратиро ба танзим медароранд Маҳз рисолаи номзадии Қодиров Некруз Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ин масала буда, барои инкишофи низоми ҳуқуқии кишвар мусоидат менамояд. Бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ фаъолона иштирок менамояд.

Аз мазмуни автореферат чунин бармеояд, ки муаллиф сохтори диссертатсияро хуб нақшабандӣ намуда, тибқи он таҳқиқоти илмиро анҷом додааст. Диссертатсия аз ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия ба - **«Тавсифи умумии одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»**. равона карда шудааст. Муаллиф ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар шароити васеъ шудани муносибатҳои

хоҷагидорӣ аз ҷониби субъектони фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар масъалаи танзими муносибатҳои мазкурро тавассути қонун, инчунин одатҳо, аз ҷумла одатҳои байналмилалии савдоӣ пешниҳод менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Одатҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»** номгузорӣ шуда, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Махсусан дар сатҳи диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додани мавзӯи баррасишаванда, имконият медиҳад, ки мушкилоти гуногун ба мавзӯи таҳқиқшаванда муайян ва дар ҳамин замина роҳу усулҳои ҳалли он самаранок коркард ва пешниҳод карда шаванд.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият зарурати ба таври куллӣ дигаргун сохтани тамоми соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ ба миён гузошта шаванд.

Дар автореферати диссертатсионии Қодиров Некруз Абдулмаҷидович як зумра масъалаҳо вобаста ба одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди таҳлил ва омӯзиши қарор дода шудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи гражданӣ оилавӣ ва меҳнатии навгонӣ мебошад. Ҳамчунин аз ҷониби муаллиф як зумра нуктаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, ки онҳо илман асоснок карда шудаанд. Махсусан, пешниҳодҳо оид ба тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси мурфиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчуни Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» дуруст арзёбӣ шудаанд (саҳ. 11-13).

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, таклифу хулосаҳои илмии баёнгардида дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусии Тоҷикистон вобаста ба мавзӯи таҳқиқот муҳим буда, қаблан нисбати онҳо дар шакли таҳқиқоти махсуси диссертатсионӣ диққати зарурӣ дода нашуда буд. Дар маҷмӯъ натиҷаҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф бадастомада, ки аз матни автореферати Қодиров Некруз Абдулмаҷидович ба миён меояд, зарур мебошад ва ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба

масъалаҳои одатҳо чун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои муносибатҳо хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ метавонад мусоидат кунад.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли автореферати диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад:

1) Дар пешниҳоди якуми диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки созишномаи тарафҳо ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф карда намешавад. Мавқеи мазкур баҳснок мебошад ва асоснокку-нии бештарро талаб мекунад.

2) Муаллиф дар пешниҳоди дуюми диссертатсия фарқияти одатҳоро аз анъанаҳои муомилоти корӣ асоснок намудааст. Ба андешаи мо муаллиф моҳияти анъанаҳои муомилоти кориро аз дигар қоидаҳои рафтор васеътар таҳлил менамуд ба манфиати кор мешуд. Новобаста аз он, ки мавзӯи диссертатсия ба одатҳо чун сарчашмаи ҳуқуқи байнамилалӣ бахшида шудааст, аммо ба ҳар ҳол хуб мешуд, ки дар баробари одатҳо анъанаҳо низ мавриди таҳқиқ қарор дада мешуд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои дар боло ишорагардида ба паҳлуҳои илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонад ва сазовори баҳои баланди илмӣ буда, боиси дастгирӣ мебошад.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи Қодиров Некруз Абдулмаҷидович хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти илмӣ бaанҷомрасида мебошад ва масъалаҳои мубраму ҳалталаб вобаста ба мавзӯи таҳқиқот дар замони муосир барои оянда замина мегузорад.

Мазмун ва муҳтавои автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи номзадии Қодиров Некруз Абдулмаҷидович дар мавзӯи **«Одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-

уми ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд ва сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани̣; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат дорад.

**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Қурбонов Қ.Ш.**

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)
тел.: (+992 37) 2217711; 2214796
E-mail: www.tnu.tj

**«Имзои Қурбонов Қ.Ш. -ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**